*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 159 (4579) | СЕШАНБЕ, 27 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**Бисту шашуми декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар вохӯрии ғайрирасмии сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел карданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ намуданд.

**Ҳамон рӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрии ғайрирасмии сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки дар шаҳри Санкт - Петербурги Федератсияи Россия баргузор гардид, иштирок намуданд.**

Дар ҷараёни мулоқот сарони давлатҳо оид ба масъалаҳои таҳкими минбаъдаи ҳамкории гуногунҷанбаи давлатҳои аъзои ИДМ мубодилаи афкор карда, масоили марбут ба вазъи ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалии мавриди таваҷҷуҳи тарафайнро мавриди баррасӣ қарор доданд.

**www.president.tj**

## БА ИМЗО РАСИДАНИ ЯК ҚАТОР ҚОНУНҲО

**Бисту чоруми декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба якчанд қонун имзо гузоштанд, ки қонунҳо «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», «Дар бораи савдои электронӣ», «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳо мебошанд.**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ба тарбияи шаҳрвандон дар роҳи хизмати софдилонаву фидокорона ба Ватан, ифтихор аз ниёгон, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ ва ҷаҳду талош дар роҳи фардои озоду ободи кишвар равона шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» масъалаҳои хариду фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ бо истифода аз шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва амалиёти ғайринақдӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни савдои электронӣ ва таъмини фаъолияти онҳоро ба танзим медарорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» ба ҳамгироии илм ва истеҳсолот, дар амал татбиқ кардани дастовардҳои илму техника ва дар маҷмӯъ барои саноатикунонии босуръати кишвар равона шудааст.

Кодекси маданӣ бо назардошти талаботи замони муосир, дигаргунӣ ва пешравиҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар ва пешрафти минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоӣ таҳия ва қабул гардидааст.

Қонунҳои қабулгардида ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, соҳибкорӣ, бунёди ҷойҳои нави кор ва беҳдошти зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунанд.

**www.president.tj**



## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ХОЛИД АЛ-ФОЛЕҲ

**24-уми декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири сармоягузории Подшоҳии Арабистони Саудӣ Холид Ал-Фолеҳро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкории Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо баррасӣ гардид.

Баргузории ҷаласаи навбатии Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ ва Форуми сармоягузории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ дар шаҳри Душанбе барои рушду тавсеаи бештари ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар ҳама соҳа муҳим арзёбӣ карда шуд.

Таъмини рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат таъкид гардида, ҷонибҳо доир ба масъалаи ҷалби сармояи Арабистони Саудӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди Тоҷикистон табодули афкор намуданд.

Ҳамчунин, барои тақвияти ҳамкорӣ дар самти сармоягузорӣ ҳавасмандӣ зоҳир гардида, зарурати ба роҳ мондани ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, дорусозӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, бунёди корхонаҳои муштарак дар ин соҳаҳо таъкид шуд.

Дар мулоқот масъалаи рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар доираи ташкилоту созмонҳо ва хазинаву бонкҳои минтақавию байналмилалӣ низ баррасӣ гардида, саҳми Фонди саудии рушд дар татбиқи лоиҳаҳои барои Тоҷикистон муҳим дар соҳаҳои нақлиёт ва маорифу тандурустӣ таъкид карда шуд.

Зимни суҳбат вазири сармоягузории Подшоҳии Арабистони Саудӣ аз номи роҳбарияти кишвараш Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба муносибати қабул гардидани қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид доир ба ташаббуси панҷуми ҷаҳонии Тоҷикистон дар бораи эълон кардани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» табрик гуфтанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар навбати худ ба ҷониби Арабистони Саудӣ барои мусоидат ва ҷонибдорӣ аз қабули қатъномаи мазкур миннатдорӣ баён карданд.

**www.president.tj**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАСТУРҲОИ НАВИ СОЗАНДАГӢ

**23 - юми декабри соли равон дар «Кохи Сомон» Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ироа гардид.**

Ҳангоми ироаи Паём Роҳбари давлат бо сипосу қаноатмандӣ зикр карданд, ки дар натиҷаи меҳнати аҳлонаю хулосабарории дурусти сокинони кишвар, алалхусус кишоварзони мамлакат, аз дастуру супоришҳои дар паёмҳои қаблии Президент додашуда, новобаста ба вазъи ногувори иқтисодию сиёсии ҷаҳон, соли равон ҷиҳати рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии кишвар тадбирҳои судманд андешида шуда, бозори дохилии ҷумҳуриамон бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин мебошад.

Чунон ки Президент дар Паём қайд карданд, дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти кишвар ба ҳисоби миёна ба 7,3 фоиз баробар гардида, дар соли равон 8 фоизро ташкил медиҳад, ҳаҷми маош 1,5 баробар ва нафақа 1,3 баробар зиёд шуда, сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоиз то ба 22,5 фоиз коҳиш ёфтааст.

Соли 2022 сатҳи таваррум дар бозори истеъмолии Тоҷикистон 4,2 фоизро ташкил дод, ки ин яке аз беҳтарин нишондиҳандаҳо дар кишварҳои ИДМ мебошад.

Даромади умумии пулии аҳолӣ дар ин давра аз 41,1 млрд. сомонӣ, то ба 87,2 млрд. сомонӣ баробар гардида, 2,1 маротиба зиёд шудааст, ки ин далели зина ба зина беҳтаршавии сатҳи некуаҳволии мардум мебошад.

Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ дар тӯли панҷ соли охир 62 фоиз афзоиш ёфта, бештар аз 14,2 млрд. сомониро ташкил медиҳад.

Дар амалигардонии ҳадафҳои стратегии Давлату Ҳукумат мавқеи ниҳоят бузург доштани соҳибкорони бонангу номуси кишварро Сарвари давлат бори дигар таъкид карда, ба мақомоти ваколатдор дастур доданд, ки баҳри рушди бонизоми соҳибкорӣ чораандешӣ намуда, аз ҳама зуҳуроти фориғболию расмиятчигиҳои беасос, эҷоди монеаҳои сунъӣ нисбат ба ҳаллу фасли дархостҳои соҳибкорон даст кашида, роҳҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷию дохилиро ҷиҳати таъсисдиҳии корхонаҳои истеҳсолӣ, истифодабарии босамари захираҳои табиӣ ва дар ин замина, бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин намудани сокинон тадбирҳои мушаххас андешанд.

Бо мақсади рушди соҳибкорӣ дар кишвар, ки фишанги асосии рушди босуботи ҳар як давлат мебошад, ба соҳибкорон 120 намуди имтиёзу кумакҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, маблағи умумии ин сабукиҳо 12 млрд. сомониро ташкил медиҳад ва ба таъкиди Президенти мамлакат шумораи субъектҳои бақайдгирӣ аз чор ба як адад кам гардида, хизматрасониҳои бақайдгирӣ ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## НИШОНДОДҲО АЗ ПАЁМ

Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳар сол ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт. Аз ҷумла, соли 2022 корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 фоиз таъмин карда шуд.

Дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард.

Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда, сохта ба истифода дода шудааст.

Ҳамзамон бо ин, ба маълумоти вакилони муҳтарам ва ҳамватанони азиз расонида мешавад, ки дар 31 соли истиқлолияти давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта ба истифода дода шуд.

Дар соли 2022 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳои панҷ намуди андоз зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ҳамчун дастгирӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад.

Дар натиҷа, соли 2022 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 339 ҳазор расид, ки нисбат ба соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд мебошад.

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бисту шашуми декабри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он нахуст масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъди шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Аъзои Шӯро, ҳамчунин, масъалаҳо «Дар бораи ҷамъбасти озмуни ҷумҳуриявии матолиби беҳтарин дар мавзӯи «Маърифати экологӣ», «Дар бораи ҷамъбасти озмуни ҷумҳуриявии матолиби беҳтарин дар мавзӯи «Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, қарори дахлдор қабул карданд.

Масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# НИШОНДОДҲО АЗ ПАЁМ

Бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати аз 1-уми июли соли 2023 то соли 2025 ҳар сол зиёд кардани андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат, яъне аз 512 сомонии амалкунанда то 836 сомонӣ ва иловатан барои ҳар як кӯдаки оилаҳои мазкур мутобиқан ба ин давра аз 34 сомонӣ то 152 сомонӣ ҷудо кардани маблағҳо чораҷӯӣ намояд.

Илова бар ин, бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамоям:

- аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

- аз 1-уми июли соли 2023 музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шаванд;

Ҳамчунин, пешниҳод менамоям, ки аз 1-уми июли соли 2023:

- андозаи нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд карда шавад;

- нафақаҳои суғуртавие, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин ва пардохт мегарданд, ба андозаи сатҳи таварруми ду соли охир, вале на кам аз 16 фоиз индексатсия, яъне зиёд карда шаванд;

Дигар нафақаҳои амалкунанда ба андозаи 20 фоиз аз меъёри нафақаи заминавӣ зиёд карда шаванд.

Тайи бист соли охир ба кишвар беш аз 152 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим, ҷалб карда шудааст. Аз маблағи зикршудаи сармояи мустақим зиёда аз 36 миллиард сомонии он танҳо барои рушди соҳаи саноат ҷалб гардидааст.

Дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим бояд дар кишвар тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Аз ин лиҳоз, механизми маблағгузории фондҳои махсус дар самти татбиқи «лоиҳаҳои сабз», хусусан, барои роҳандозии барномаву лоиҳаҳои мақсадноки рушди «иқтисоди сабз», аз ҷумла «энергияи сабз», бояд васеъ ҷорӣ карда шавад.

Тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам оварданд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40 фоиз расонида шавад.

Дар ин давра 1382 коргоҳу корхонаи саноатӣ бо таъсиси 15 ҳазор ҷойи кории нав сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Умуман, агар соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷои корӣ фаъолият дошта бошад, пас дар замони соҳибистиқлолӣ 2500 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, соли 2022-юм 2800 корхонаи саноатӣ бо 85 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият карда истодаанд.

Танҳо соли 2022 беш аз 500 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави корӣ ба фаъолият оғоз карданд ва барои то 43 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд.

Бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ дар идомаи корҳои дар солҳои соҳибистиқлолӣ баанҷомрасида ҳоло татбиқи боз 20 лоиҳа ба маблағи 17 миллиард сомонӣ идома дорад. Аз ҷумла, имсол таҷдиди Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» бо тавоноии 270 мегаватт ба маблағи 1 миллиарду 360 миллион сомонӣ пурра ба охир расида, таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак» ба маблағи 7 миллиард сомонӣ ва «Қайроққум» ба маблағи умумии 2 миллиард сомонӣ, инчунин, сохтмони Неругоҳи барқи обии «Себзор» ба маблағи 612 миллион сомонӣ дар ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва неругоҳҳои бодиву офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб ба маблағи умумии 170 миллион сомонӣ бомаром идома дорад.

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар панҷ соли охир дар соҳаи нақлиёт 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 5 миллиарду 130 миллион сомонӣ амалӣ гардида, дар натиҷа 250 километр роҳҳои мошингард, 42 пул, 4 долон ва якчанд эстакада бунёд карда шуданд.

Ҳоло дар соҳа боз 17 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 11 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст.

Дар се соли оянда 6 лоиҳа ба маблағи 7,4 миллиард сомонӣ ба анҷом расида, 317 километр роҳи байналмилалии мошингард, 32 пул, 5 нақб бо дарозии 11,2 километр ва 7 долон ба истифода дода мешавад.

Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, паи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд. Аз ҷумла, соли 2022 истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1 миллиону 600 ҳазор тонна, картошка ба 1 миллион ва меваю сабзавот ба 3 миллиону 200 ҳазор тонна расонида шуд.

Дар натиҷа, тайи панҷ соли охир суръати рушди солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз нигоҳ дошта шуда, 1,4 баробар афзоиш ёфт.

Истеҳсоли гӯшти паранда дар ин давра 8 баробар зиёд шуда, ҳаҷми воридоти он 11 баробар кам гардид.

Ҳукумати мамлакат то соли 2026 бо истифода аз тамоми имкониятҳо дар бобати ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд ва саросар соҳибкасб гардонидани аҳолӣ чораҷӯӣ намояд.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа - ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии занону бонувон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа бисёр тадбирҳои судмандро амалӣ намуд.

Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд. Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ - 71, фарҳанг - 47, бонкдорӣ - 39, алоқа - 25, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд.

Муҳокимаи парлумонӣ

# БО КАДОМ АСОС МАҚОМИ ТОҶИКИСТОН ДАР РЕЙТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 20 ЗИНА БОЛО РАФТ?



**Бистуми декабри соли 2022 таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим оид ба татбиқи «Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025» муҳокимаи парлумонӣ баргузор гардид. Дар он намояндагони Вазорати нақлиёт, Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони масъули Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карданд.**

Қодири Қосим зикр кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти мушкилоти ҷойдошта ҳадафҳои стратегии миллии мамлакатро муайян намуда буданд, ки яке аз онҳо аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон мебошад.

- Бинобар ин, аз марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ Ҳукумати ҷумҳурӣ ба масъалаҳои соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, стратегияи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистонро муайян намуд.

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» рушди соҳаи нақлиёт, ки ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани самаранокии бахш ва беҳсозии сифати зиндагии аҳолӣ равона шудааст, таъмини дастрасии аҳолӣ ба нақлиёт ҳадафи асосӣ аст.

Дар заминаи амалишавии «Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025» як силсила шоҳроҳ, нақб, роҳҳои оҳан ва пулҳо сохта шуда, теъдоди зиёди муассисаҳои нақлиётӣ, терминалҳои мусофирбарӣ, терминалҳои боркашонӣ, хатсайрҳои мусофирбарӣ ва ширкатҳои нақлиёти байналмилалӣ фаъолият доранд.

Итминони комил дорем, ки минбаъд низ роҳҳои мошингарду оҳан, нақбу пулҳо, марказҳои логистикӣ, майдонҳои ҳавоию долонҳои нақлиётӣ ва дигар инфрасохтори нақлиётӣ бунёду таҷдид гардида, хизматрасонии онҳо ба сатҳи байналмилалӣ мутобиқ мешавад, - афзуд Қодири Қосим.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Амонулло Хайрулло аз нақши калидӣ доштани соҳаи нақлиёт дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ёдовар шуда, зикр



кард, ки дар шароити ҷойгиршавии ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93 дарсади масоҳати онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, истифодаи нақлиёти автомобилӣ афзалият дорад. Мутаассифона, дар даврони шӯравӣ ва солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ, аз сабаби надоштани роҳҳои доимоамалкунанда Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чор қисмат ҷудо шуда, шаш моҳ аз як минтақа ба минтақаи дигар рафтуомад ва интиқоли молу маҳсулот имкон надошт.

- Бо мақсади бартараф намудани ин мушкилот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали Роҳбари давлат интихоб шудан баромадан аз бунбасти нақлиётию коммуникатсиониро ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуданд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар соҳаи нақлиёт ба маблағи зиёда аз 24 миллиард сомонӣ 59 лоиҳа амалӣ шуда, сохтмон, таҷдид ва таъмири 2400 км роҳ, 326 пул, 6 нақби мошингузар, 3,4 км долони зиддитармавӣ, 219 км роҳи оҳан бо 5 пул ва 3 нақб самараи ин раванд аст.

Ҳоло дар соҳаи нақлиёт даҳ лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 8 миллиард сомонӣ мавриди татбиқ қарор дошта, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 398,2 миллион сомонӣ корҳо иҷро гардидаанд. Дар доираи ин иқдом таҷдиду барқарорсозии 218 км роҳ, сохтмону барқарорсозии 104 пул, соҳилмустаҳкамкунӣ ва дигар корҳо анҷом дода шудаанд.

Дар маҷмӯъ, бо маблағгузорӣ аз ҳамаи манбаъҳо асфалт ва шағалпӯшкунонии зиёда аз 9912 км роҳ ва таъмиру барқарорсозии 1574 пули миёнаю хурд ва дигар корҳо амалӣ гардиданд. Дар 30 соли охир нишондиҳандаҳои боркашонию мусофиркашонӣ бо ҳама намуди нақлиёт мутаносибан 3 ва 4,5 маротиба афзуд.

Барои татбиқи барномаи мазкур 2 миллиарду 308,7 миллион доллари ИМА, аз ҷумла дар давраи кӯтоҳмуҳлат 605,3 миллион доллар, миёнамуҳлат 819,7 миллион доллар ва дарозмуҳлат 883,6 миллион доллар пешбинӣ шудааст. Аз ин маблағ 1 миллиарду 436,2 миллион доллар барои рушди шабакаи роҳҳои автомобилгард, 78,6 миллион доллар барои рушди нақлиёти автомобилӣ, 507,1 миллион доллар барои пешрафти нақлиёти роҳи оҳан, 244,5 миллион доллар барои рушди соҳаи авиатсияи гражданӣ, 31,86 миллион доллар барои татбиқи барномаи таъмини бехатарии экологии нақлиёт ва 10,4 миллион доллар барои таъмини барномаи иттилоотонии соҳаи нақлиёт пешбинӣ шудааст, - зикр кард Амонулло Хайрулло.

Муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шоиста Саидмуродзода доир ба татбиқи «Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025» маълумот дод.

Бино ба гуфти ӯ, барнома 1-уми апрели соли 2011 таҳти №165 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, муҳлати амалисозии он се давраро дар бар мегирад: давраи кӯтоҳмуҳлат то соли 2015, миёнамуҳлат то соли 2020 ва дарозмуҳлат то соли 2025.

- Барномаи мазкур ҳафт самт, аз ҷумла нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоӣ, шабакаи роҳҳои автомобилгард, боркашонии интермодалӣ (боркашонии омехта), таъмини бехатарии экологии нақлиёт, иттилоотонии соҳаи нақлиётро дар бар мегирад. Барои рушди самти нақлиёти автомобилӣ дар барнома 78,6 миллион доллар, аз ҷумла давраи кӯтоҳмуҳлат 24,2 миллион доллар, миёнамуҳлат 36,9 миллион доллар ва дарозмуҳлат 17,5 миллион доллар пешбинӣ гардида, дар умум, дар ин самт 238,3 миллион доллар аз худ карда шудааст, ки се маротиба зиёд мебошад, - афзуд Шоиста Саидмуродзода.

Нотиқ, инчунин, доир ба рушди нақлиёти роҳи оҳан, ки яке аз бандҳои барнома мебошад, маълумот дод. Маълум гардид, ки «Барномаи рушди



нақлиёти роҳи оҳан» аз шаш тадбир иборат буда, ба ҳолати имрӯза як тадбир иҷро гардида, иҷрои панҷ тадбир идома дорад. Дар умум, иҷрои он 54,8 дарсадро ташкил медиҳад. Дар доираи барнома харидории локомотивҳо 41,5 дарсад ва вагонҳо 147 дарсад иҷро шудааст.

Аз оғози татбиқи «Барномаи рушди роҳи оҳан» 278,98 миллион доллари ИМА аз худ шудааст, ки 55 дарсади маблағҳои барномаро ташкил медиҳад.

Банди дигари барнома - «Барномаи рушди соҳаи авиатсияи гражданӣ», аз 8 тадбир иборат буда, 3 тадбир барзиёд иҷро гардида, 2 тадбир дар марҳилаи татбиқ қарор дошта, бинобар пайдо нагардидани сарчашмаи маблағгузорӣ 3 тадбир иҷро нагардид.

Дар доираи барнома терминали мусофиркашонӣ ва боркашонии байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе бо харҷи 72,3 миллион доллар сохта шуд.

Тадбири дигаре, ки дар барнома дарҷ шудааст, харидории ҳавопаймоҳо мебошад. Вобаста ба вазъи иҷрои он солҳои 2011-2015 аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ дар доираи имкониятҳои молиявӣ (аз ҷумла лизинг) 8 ҳавопаймои тамғаи «Боинг», ҳавопаймои тамғаи «МА-60» ба маблағи 52,5 миллион доллар харидорӣ шуд. Ҳамчунин, ҶДММ «Сомон - Эйр» солҳои 2019-2020 чархболҳои «Airbus H-125» (ба маблағи 3 миллион доллар) ва Ми-8 АМТ-ро (ба маблағи 10 миллион доллар) харид.

Дар доираи барнома, ҳамчунин, азнавсозии дастгоҳҳои аэронавигатсионӣ, сохтмони маркази танзимӣ дар фурудгоҳи Бохтар ва пайроҳаи гардиш дар фурудгоҳи Кӯлоб, сохтмони хати дуюми парвоз дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе, хизматрасонӣ дар хатсайрҳои ҳавоии дохилӣ, таҷдиди фурудгоҳҳои маҳаллӣ ва таҷдиди фурудгоҳи шаҳри Бохтар идома дорад.

Аз оғози татбиқи «Барномаи рушди авиатсияи гражданӣ» 178,3 миллион доллари ИМА аз худ карда шудааст, ки 72,9 дарсади маблағҳои пешбинишударо ташкил медиҳанд.

Дар натиҷаи татбиқи барнома ҳолати роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ хеле беҳбудӣ ёфта, дар раддабандии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ (WEF) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи сифати роҳҳо зинаи 50-умро ишғол намуд, ки назар ба солҳои қаблӣ 20 зина боло мебошад. Таъкид гардид, ки ин дастовард самараи таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Хулоса, дар доираи «Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025» то 1-уми декабри соли 2022-юм 2 миллиарду 662,6 миллион доллари ИМА аз худ шудааст, ки 115,3 дарсадро ташкил мекунад, - гуфт номбурда.

Дар муҳокимаи парламентӣ вакилони Маҷлиси намояндагон ба саволҳояшон аз масъулин посух гирифта, ҷиҳати беҳтар гардидани татбиқи барномаҳои давлатӣ тавсия доданд.

Дар охир вобаста ба масъалаи баррасишуда қарори дахлдор ва тавсияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

# БАРРАСИИ ЛОИҲА ОИД БА ТАНЗИМИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР КИШВАРҲОИ ИДМ



**Чанде пеш ҳамоиши нақшавии комиссияҳои доимии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (АБ ИДМ) оид ба иқтисод ва молия дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия аз тариқи фосилавӣ баргузор гардид, ки дар он «Лоиҳа оид ба танзими шуғли аҳолӣ дар кишварҳои ИДМ» мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия, муовини раиси Комиссияи доимии иқтисод ва молияи АБ ИДМ Маҳмадалӣ Қурбонзода дар он ширкат варзид.

Иштирокчиёни ҷаласа директори генералии «RocketWork» Анастасия Ускова роҷеъ ба мавзӯи «Фарогирии табдили рақамии бозорҳои меҳнат ва рушди шуғли аҳолӣ ҳамчун падида», президенти ҶСК «Маркази рушди меҳнат»-и Ҷумҳурии Қазоқистон Даулет Аргандиков «Дар бораи қадамҳои минбаъда дар рушди шуғли аҳолӣ», ноиби президент, директори Маркази сиёсати танзими ҶШС Екатерина Папченкова «Дар бораи танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар Россия ва дигар кишварҳо» баромад карда, лоиҳаи зикршударо муҳим арзёбӣ карданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ДАСТУРҲОИ НАВИ СОЗАНДАГӢ

(Идома аз саҳ. 1)

Сарвари давлат пешниҳод карданд, ки низоми иҷозатномадиҳиро боз ҳам такмил дода, шумораи иҷозатномаҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ 60 дарсад кам карда шавад.

Ҳақ бар ҷониби Пешвои миллат аст, ки борҳо ҳушдор дода мегӯянд: «Ватани моро фақат худамон обод карда метавонем ва агар ҳар шахси мансабдор бо имону инсофи комил вазифаи хешро иҷро намояд, мардумсолор бошаду халқро уҳдабароёна роҳбарӣ кунад, нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии давлати мо чандин маротиба хубтар хоҳад шуд».

Ҷоизи зикр аст, ки дар Паёми имсолаи Роҳбари давлат вобаста ба рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар дар тӯли 5 соли охир, алалхусус соли 2022, ки яке аз солҳои пурмуаммои ҷаҳони муосир ба шумор меравад, таҳлилҳои хеле дақиқу раднопазир оварда шудааст.

Ҳангоми ироаи Паёми имсола низ Роҳбари давлат ба масъалаи рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии мамлакат, идоракунии босамари молияи давлатӣ, такмилдиҳии фишангҳои қарздиҳии бонкӣ, тақвиятбахшии корҳо ҷиҳати таъмини иҷрои босифати қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, самаранок истифодабарии имкониятҳои мавҷуда баҳри рушди илму маориф, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, тарбияи ахлоқию хештаншиносии насли ҷавон, омодасозии мутахассисони ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ, ба вазифаҳои роҳбарикунанда пешниҳод намудани бонувон ва кадрҳои ҷавон, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва дигар масъалаҳои доғи рӯз эътибори махсус дода, ба вазорату идораҳои дахлдор дастуру супоришҳо доданд.

Тибқи супориши Сардори давлат аз 1-уми июли соли 2023 дар Тоҷикистон ҳама навъи андоз, боҷҳои гумрукӣ, суғуртаҳои ҳатмӣ, ҷаримаҳо, хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғайра бояд ба шакли ғайринақдӣ пардохт карда шаванд, ки ин тадбирҳо ба шаффофияти даромадҳои буҷет ва баланд бардоштани қурби пули миллӣ мусоидат мекунад.

Бо мақсади кам кардани таъсири омилҳои инсонӣ дар иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, дастур дода шуд, ки дар кишвар «Махзани ягонаи маълумот барои хизматрасонии рақамӣ» таъсис дод шавад.

Дар асоси супориши Пешвои миллат аз 1-уми марти соли 2023 маоши кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ ба андозаи 25 фоиз ва дигар кормандони мақомоти қудратӣ 20 фоиз зиёд карда шуда, аз 1-уми июли соли 2023 мутаносибан ба андозаи 20 фоиз баланд бардоштани маоши кормандони соҳаҳои тандурустӣ, маориф, иҷтимоӣ ва стипендияҳои донишҷӯёну нафақаи заминавӣ, пешбинӣ карда мешавад.

Ҳамчунин, дастур дода шуд, ки аз 1-уми июли соли оянда нафақаҳои суғуртавӣ бо назардошти сатҳи таварруми 2 - сола, на кам аз 16 фоиз ва дигар нафақаҳо ба андозаи 20 фоизи нафақаи заминавӣ зиёд карда шаванд, ки ин тадбирҳо далели характери иҷтимоӣ доштани сиёсати Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар маҷмӯъ, таъкид кардани онро зарур мешуморам, ки ҳама дастуру супориши дар Паёми имсола зикргардида ба манфиати сокинони кишвар буда, сари вақт амалигардонии он ба рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии давлати соҳибистиқлоли мо, ҳаллу фасли муаммоҳои мавҷудаи иҷтимоӣ, тақвиятбахшии корҳои ободонию созандагӣ ва дар арсаи байналмилалӣ ҷойи сазоворро ишғол намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, нигаронида шудааст.

**Карамулло ОДИЛОВ, Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ДАР ДАШТИ ЯЗГУЛОМ МАКТАБИ НАВ КУШОДА ШУД

**Дашти Язгулом, ки замоне макони ободу зебое буд, бо мурури замон ба харобазор мубаддал гашт. Барои эҳё кардани маконҳои харобгашта ва рушди инфрасохтори деҳот Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи рушди деҳотро ба роҳ монд, ки тибқи он дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар масофаи 7 километр ба дашт хати оби полезӣ оварда шуд.**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ барои эҳёи Дашти Язгулом нахуст заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмондаро ба гардиши кишоварзӣ ворид намуда, ба деҳқонон вобаста кард. Дар муддати ду сол Дашти Язгулом эҳё гардида, ба макони истироҳатӣ табдил ёфт.

Ба гуфти сардори Идораи кишоварзии ноҳия Ҷавҳарӣ Неъматов, ҳоло дар ин мавзеъ 62 гектар замини киштбоб ва 27 гектар боғот мавҷуд аст, ки кишоварзон ҳар сол аз он ҳосили баланд ба даст меоранд. Дар шафати шоҳроҳ корхонаи истеҳсоли хишт фаъолият дошта, маҳсулоти он барои сохтмони иншооти ноҳияҳои Ванҷ ва Рӯшон харидорӣ мегардад.

Ҳоло дар ин макон 15 оила истиқомат мекунанд. Фарзандони сокинонаш аз ин пеш дар мактаби деҳаи Мотравн таҳсил мекарданд, ки он дар масофаи 7 километр дуртар воқеъ аст. Ин мушкилро ба назар гирифта, мақомоти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои бунёди мактаби ибтидоӣ аз ҳисоби буҷети вилоят 260 ҳазор сомонӣ ҷудо кард.

Дар муддати кӯтоҳ ҶДММ «Шодмон» сохтмони муассисаи таълимиро бо усули муосир анҷом дод, ки он аз чор синфхона, ҳуҷраи директор ва ҳуҷраи омӯзгорон иборат буда, таҷҳизоти хониш аз ҳисоби Раёсати маорифи ВМКБ таъмин гардидааст.

Умуман, дар даврони истиқлолияти давлатӣ дар Ҷамоати деҳоти «Язгулом» мактабҳо пурра навсозӣ ва таъмир гардида, марказҳои хизматрасонӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, варзишгоҳҳо ва як қатор биноҳои маъмурӣ бунёд шуданд. Ба гуфти сармеъмори ноҳияи Ванҷ Манучеҳр Иброҳимов, дар солҳои наздик барои фароҳам овардани шароити мусоид барои сокинон ва мусофирону сайёҳон сохтмони бунгоҳи тиббӣ, маркази саломатӣ, марказҳои хизматрасонӣ, меҳмонхона ва дигар иншооти муҳим дар назар дошта шудааст.

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА, «Садои мардум»**

# МУҚАРРАРОТИ ҚОНУН ҲОЛО ҲАМ ТАТБИҚ НАМЕШАВАД

## Ё ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»



**Ғайрат АЗИЗЗОДА,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти Ҷамоати шаҳрак ва деҳотро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» танзим менамояд, ки соли 1994 қабул гардида, соли 2009 дар таҳрири нав қабул шуд ва вобаста ба талаботи рӯз панҷ маротиба ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ 430 Ҷамоати шаҳрак ва деҳот фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 61 шаҳрак ва 369 деҳот буда, зиёда аз 70 дарсади аҳолӣ дар онҳо зиндагӣ менамоянд.

Худидоракунии маҳаллӣ дар ҳама давру замон ҳамчун омили пайвандгари халқ бо ҳокимияти давлатӣ мақоми хосаеро доро буд. Дар даврони истиқлолияти давлатӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ худидоракунии маҳаллӣ эҳё гардид, ки он дар банди 6 моддаи 78 Конститутсия бо таври возеҳ баён шудааст.

Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ Ҷамоат мебошад. Ҷамоат мақомоти ҳокимияти маҳаллиест, ки ба аҳолӣ нисбатан наздик ва дастрас аст ва маҳз Ҷамоат дар бартарафсозиҳои мушкилот ба аҳолӣ сари вақт ёрӣ мерасонад, дар дастрасӣ ба хизматҳои коммуналӣ, таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, нигоҳдорӣ ва ободонии роҳу кӯчаҳо, тоза кардани маҳаллаҳо аз партовҳо масъулият дорад.

Бо мақсади муайян кардани мушкилиҳо дар татбиқи қонуни мазкур Кумитаи сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ солҳои гузашта ба раисони Ҷамоатҳо якчанд вохӯрӣ баргузор намуда, зиёда аз 200 пурсиш гузаронид, вале мутаассифона, то ҳол муқаррароти моддаҳои 27 ва 45-и қонун ба таври шоиста таъмин намегардад. Вобаста ба ин, муқаррароти моддаҳои номбурдаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» - ро ёдрас менамоям.

Моддаи 27 қонун аз 6 қисм иборат буда, меъёрҳоро вобаста ба буҷети шаҳрак ва деҳот муайян кардааст. Тибқи он, лоиҳаи буҷети шаҳрак ва деҳот бо тартиби муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, аз ҷониби Ҷамоат баррасӣ ва дар шакли қарор қабул карда мешавад.

Қисми даромади буҷет аз ҳисоби даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ ташаккул дода шуда, ба даромади буҷети шаҳрак ва деҳот маблағҳо аз ҳисоби андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дохил мешаванд. Даромадҳои ғайриандозӣ аз мусоидати молиявӣ (субвенсия), пардохтҳои ихтиёрӣ, даромадҳои хизматрасонии пулакӣ ва даромадҳо аз ҳисоби амалисозии ваколатҳои алоҳидаи давлатӣ, ки ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузор шудаанд, инчунин аз дигар манбаъҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манъ накардаанд, иборат мебошанд.

Хароҷоти буҷети шаҳрак ва деҳот бо мақсади рушди вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳрак ва деҳот аз ҷониби Ҷамоат амалӣ карда шуда, ба буҷети шаҳрак ва деҳот бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ бо қарори Ҷамоат тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд. Моддаи 45 - муқаррароти интиқолӣ буда, дар он муайян гардидааст, ки қабули буҷети шаҳрак ва деҳот аз соли 2011 оғоз меёбад.

Бояд зикр кард, ки Ҷамоати деҳоти «Сучон»-и ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Ҷамоати шаҳраки «Ёвон»-и ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, Ҷамоати шаҳраки Б. Ғафурови ноҳияи Б. Ғафурови вилояти Суғд ва Ҷамоати деҳоти ба номи К. Исмоилови шаҳри Ваҳдат ҳамчун Ҷамоатҳои пилотӣ вобаста ба ташкили буҷети мустақил муайян гардидаанд.

Дар натиҷаи омӯзиши масъала дар Ҷамоатҳои пилотӣ муайян гардид, ки вобаста ба татбиқи моддаҳои 27 ва 45 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» як қатор мушкилиҳо ҷой доранд. Ҳангоми суҳбатҳои телефонӣ бо баъзе аз раисони Ҷамоатҳои пилотӣ маълум гардид, ки ташкили буҷети мустақил то ҳол дар амал татбиқ нагаштааст.

Яке аз манбаъҳои молиявӣ барои Ҷамоатҳо хизматрасонии пулакӣ мебошад, ки мутаассифона, Ҷамоатҳо аз он самаранок истифода намебаранд. Хушбахтона, таҷрибаи пешқадам дар ин самт вуҷуд дорад. Масалан, дар Ҷамоати деҳоти «Исфисор»-и ноҳияи Б. Ғафуров аз ташкили хизматрасонии пулакии коммуналӣ ва бо об таъмин кардани аҳолӣ Ҷамоат маблағи муайян ба даст меорад, вале, мутаассифона, на ҳамаи Ҷамоати шаҳраку деҳот дар бораи ин таҷрибаи пешқадам маълумот доранд ва аз он самаранок истифода мебаранд. Хуб мебуд, ассотсиатсияҳои обрасонии оби нӯшокӣ ва оби полезӣ, ки дар деҳаҳо ташкил гардидаанд, бо раисони Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ҳамкории зич дошта бошанд. Дар натиҷаи хуб ба роҳ мондани ҳамкориҳо, сифати хизматрасониҳо баланд ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш меёбад.

Бо ин мақсад ба Ҷамоати шаҳраку деҳот тавсия дода мешавад, ки усулҳои самараноки хизматрасониро истифода бурда, ҷиҳати ташаккул ва рушди устувори буҷети шаҳраку деҳот тадбирҳо андешанд.

Яке аз мушкилиҳо дар фаъолияти Ҷамоати шаҳрак ва деҳот нокифоя будани бастҳои корӣ мебошад. Вазифаву ваколатҳои Ҷамоат мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» хеле зиёд буда, танҳо ҷиҳати таъмини қисми камтарини онҳо бастҳои корӣ ҷудо карда шудааст.

Ҳамин тариқ, вобаста ба татбиқи бандҳои алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» то ҳол мушкилоти зиёд ҷой доранд ва боварӣ дорем, ки дар оянда ҷиҳати амалишавии онҳо тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.

# АҲАМИЯТИ ПАРЛАМЕНТ ДАР ҲАЁТИ ҶОМЕА



**Парламентаризм низоми ҳукуматдориест, ки дар он давлат аз ҷониби парламент назорат карда шуда, вазифаҳои ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия ба таври возеҳ ҷудо карда шудаанд. Дар шароити парламентаризм ҳукуматро вакилон аз ҳисоби аъзои ҳизбе, ки дар парламент аксариятро ба даст овардаанд, ташкил медиҳанд ва дар назди он масъул мебошанд.**

Дар шароити муосир парламентаризм ҳам дар ҷумҳуриҳои парламентӣ ва ҳам дар монархияи парламентӣ имконпазир аст. Чунин мешуморанд, ки шарти сиёсии таъсиси чунин низоми давлатдорӣ мавҷудияти низоми устувори сиёсии дуҳизбӣ мебошад. Чунин вазифаҳои асосии парламентро қайд кардан мумкин аст:

- ифодаи афкори ҷамъиятӣ (баён кардани ниёзҳо, умедҳо, интизориҳои одамон, табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои сиёсӣ), таъсир ба интихобкунандагон, иштирок дар тарбияи сиёсии мардум;
- намояндагӣ, ҳимояи муҳимтарин манфиатҳои ҷамъиятӣ, муайян кардани афзалиятҳои эҳтиёҷоту манфиатҳо ва ҳифзи онҳо дар сатҳи олии ҳокимияти давлатӣ;
- қонунгузорӣ, нашри санадҳои ҳуқуқӣ (пешгӯӣ, моделсозии муносибатҳо, равандҳо дар ҷомеа);
- ташаккул, тасдиқи буҷет, муайян намудани сиёсати молиявии давлат;
- ташкил ва тасдиқ (пурра ё қисман)-и Ҳукумат, Суди Олӣ, Прокуратура ва дигар мақомоти давлатӣ.

Таъмини масъулияти сиёсии Ҳукумат, шахсони мансабдор барои риояи Конститутсия ва қонунҳо, иҷрои буҷет, амалӣ кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон (тавассути ҳисоботи ҳукумат дар бораи иҷрои буҷет, дархости вакилҳо, ба ҷавобгарӣ кашидан-импичмент), баҳодиҳии сиёсӣ ва айбдоркунии сиёсӣ).

Ба мақсади ташаккул додани сохтори идоравии давлатӣ, бо дарназардошти ниҳодҳои муҳимтарини демократӣ ва наздиксозӣ ба идоракунии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон зарурати ташкили парламенти сифатан навро ҳамчун ҷузъи муҳими сохтори сиёсӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён гузошт. Вобаста ба ин, дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ 26-уми сентябри соли 1999 оид ба тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳи парламенти думаҷлиса қабул гардид, ки боби сеюми он аз моддаи 48 то 63 ба Маҷлиси Олӣ бахшида шудааст. Мутобиқи он, Маҷлиси Олӣ, ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду маҷлис - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст, ки ин барои дар сатҳу сифати баланд, мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ қабул гардидани қонунҳо ва асноди ҳуқуқӣ-меъёрӣ шароит фароҳам овард.

Таъсис додани Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳамчун қисми таркибии Маҷлиси Олӣ гувоҳи он буд, ки Сарвари давлат ба принсипҳои давлати демократӣ, иштироки баробари ҳизбҳои сиёсӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар ва умури давлатдорӣ арҷ мегузорад.

Дар Тоҷикистон халқ барандаи соҳибихтиёрӣ ва ягона манбаи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки онро бевосита ва инчунин ба воситаи намояндагони худ амалӣ мегардонад. Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ аз 26-уми январи соли 2021 зарурати тақвияти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти олии қонунгузори мамлакатро барои рушди иқтисоди миллӣ ва беҳтар шудани вазъи иҷтимоии ҷомеа, афзоиши ҳисси боварии сармоягузорони хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, содаву бемамониат амалӣ шудани принсипҳои муносибатҳои бозорӣ, дастгирии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва бахши кишоварзӣ таъкид намуданд.

Маҷлиси намояндагон дар талаботи давру замон мутобиқ будани таъсиси парламенти касбиро собит намуд. Фаъолияти Маҷлиси намояндагон яке аз омилҳои муҳими эъмори ҷомеаи дунявиву демократӣ ва ҳуқуқбунёду ягона ба шумор рафтани қонун ва волоияти онро собит намуд.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти парламенти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари намояндагию қонунгузорӣ равобити байнипарламентию муносибатҳои хориҷӣ мебошад, ки ба рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо парламентҳои кишварҳои хориҷӣ ва созмону ташкилотҳои бузурги ҷаҳонӣ марбут аст. Аз ин рӯ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тақвияти ҳамкориҳои судманди байнипарламентӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Маҷлиси намояндагон ҳамчун мақоми олии қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон узви фаъоли Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ассамблеяи парламентии Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Иттиҳоди байнипарламентии ҷаҳон, Иттиҳоди парламентҳои Осиё барои сулҳ ва Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мебошад. Ҷиҳати тақвият ва рушди муносибатҳо бо ин созмонҳои бонуфузи олам гурӯҳҳои миллии парламентии Маҷлиси намояндагон таъсис ва ҳамкориҳои лозима ба роҳ монда шудаанд.

Дар давоми 22 соли фаъолият Маҷлиси намояндагон бо чандин парламентҳои кишварҳои дунё ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ робитаҳои кории мустаҳкам барқарор намуд. Бо мақсади таҳкими муносиботи дуҷонибаи парламентӣ гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагон ва комиссияҳои парламентӣ бо як зумра парламентҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо кишварҳои Россия, Хитой, Япония, Индонезия, Малайзия, Сингапур, Шри - Ланка, Ветнам, Венгрия, Покистон, Эрон, Туркия, Ҳиндустон, Куба, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Урдун, Марокаш, Беларус, Арманистон, Руминия, Словакия, Олмон, Корея, Озарбойҷон ва дигар кишварҳои олам таъсис дода шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба фаъолияти парламенти кишвар чунин қайд намуданд: «Онҳо (аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон) бояд қонунҳоеро таҳия ва пешниҳод намоянд, ки ба таҳкими истиқлолияти давлатӣ, рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва густариши муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла пешрафти соҳибкорӣ, беҳдошти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, истифодаи самараноку сарфакоронаи замин ва дигар боигариҳои табиӣ, таъмини волоияти қонун, пешгирии ҷинояткорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона шуда бошанд».

**Амоншо ПАҲЛАВОНОВ,**
**референти муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Омор

# НИШОНДИҲАНДАҲОИ БАРӮЙХАТГИРӢ ДАР СОЛИ 2020 ЧӢ ГУНААНД?

**Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020» дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз 1-ум то 15-уми октябри соли 2020 барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили ҷумҳуриро гузаронид.**

Ин нуктаро директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода 20-уми декабри соли 2022 дар суҳбати мизи мудаввар, ки бо намояндагони воситаҳои ахбори омма ва вазорату идораҳои дахлдор дар мавзӯи «Натиҷаҳои ниҳоии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ва истифодаи он» баргузор гардид, зикр намуд.

Номбурда афзуд, ки барои гузаронидани чорабинии муҳими сиёсӣ беш аз 27 ҳазор кормандони муваққатӣ аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунӣ, кормандони соҳаи маориф ва тандурустӣ ҷалб шуданд.

Аз рӯи натиҷаҳои ниҳоии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1-уми октябри соли 2020-ум 9 миллиону 657,0 ҳазор нафарро ташкил дод, ки ин нисбат ба барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010-ум 2 миллиону 92,5 ҳазор нафар ё 27,7 дарсад зиёд шудааст.




Соли 2020 аҳолии шаҳр 2 миллиону 536,5 ҳазор ва аҳолии деҳот 7 миллиону 120,5 ҳазор нафарро, ки мутаносибан 26,2 ва 73,8 дарсад аст, ташкил дод. Аз шумораи умумӣ 4 миллиону 897,9 ҳазор мард ва 4 миллиону 759,1 ҳазор нафар зан мебошанд.

20-уми декабри соли 2022 ҷилди якуми натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шумора ва ҷойгиршавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз чоп баромада, ҷилди дуюм «Ҳайати синнусолӣ, ҷинсӣ ва ҳолати ақди никоҳи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба чоп супорида шуд.

Натиҷаҳои ниҳоии «Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020» солҳои 2022 - 2024 дар даҳ ҷилд дастраси истифодабарандагон мегардад.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**«Садои мардум»**

Қадрдонӣ

# «IRS» ДАР ИДМ «ЛОИҲАИ СОЛ» ЭЪТИРОФ ШУД

**Дар доираи Анҷумани V роҳдорони ИДМ ва баргузории Озмуни байналмилалии «Роҳҳои автомобилгарди ИДМ - 2022» бо истинод ба таҳлили амиқу доманадори мутахассисони варзидаи соҳаи роҳу нақлиёт ва масъулони Шӯрои байниҳукуматии роҳдорони ИДМ филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар номинатсияи «Лоиҳаи сол» ғолиб гардид.**




Ба ғайр аз ин, директори филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Нодирҷон Сафаров бо Сипосномаи Шӯрои ҳамоҳангсозони соҳаи роҳу нақлиёти ИДМ сарфароз гардид. Мутахассисони «IRS» низ аз ҷониби Шӯрои байниҳукуматии роҳдорони ИДМ қадрдонӣ шуданд. Дастоварди мазкур идомаи мантиқии комёбиҳои қаблӣ маҳсуб мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки соли 2015 аз миёни довталабони зиёд вобаста ба ҷорӣ намудани навовариҳо дар раванди фаъолият ва шурӯъ намудани марҳилаи сифатан нави пешрафт «IRS» сазовори «Ситораи байналмилалии сифат» гардид. Маросими супоридани ҷоизаи бонуфуз дар шаҳри Женева баргузор гардида, он дар вазъияти тантанавӣ ба роҳбарияти филиали ширкат супорида шуда буд. Озмуни мазкур аз соли 1999 доир шуда, яке аз чорабиниҳои бошукӯҳ ва бонуфузи байналмилалӣ маҳсуб меёбад ва дар он афкори намояндагони 74 мамлакат ба назар гирифта мешавад. Яъне, ғолибони ин маросим зимни таҳлили амиқу доманадор бо фарогирии назари равшанфикрони 74 давлати пешрафтаи олам муайян карда мешаванд.

Дар ҷаҳони муосир роҳандозии равобити барои тарафайн судманд бо созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ омили асосии дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани дилхоҳ ширкат маҳсуб ёфта, ҳамзамон замина ва шароит фароҳам меорад, ки таҷрибаи пешқадам ва технологияи нав дар раванди фаъолият ҷорӣ гарданд. Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки на ба ҳама ширкатҳо имкон даст медиҳад, ки шомили ассотсиатсия ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ гардида, ба ин васила аз эътирофу эътибори хоса бархӯрдор гарданд. Зеро ин раванд дар заминаи таҳлили амиқу доманадор сурат гирифта, танҳо хуб будани нишондиҳандаҳои фаъолият, мавҷудияти ҳайати кормандони болаёқат ва заминаи мустаҳками моддӣ - техникӣ ба он асос шуда метавонанд. Ассотсиатсияи байналмилалии пулҳо, нақбҳо ва роҳҳои пулакӣ (IBTTA) иттиҳодияи ҷаҳонии операторони механизми толлингӣ ва соҳаҳои марбута мебошад.

Рисолати ниҳоди фавқ фароҳам овардани шароити мусоид барои табодули донишҳо ва ғояҳои нав дар самти пешрафту беҳтар намудани хизматрасонии пулакӣ дар соҳаи нақлиёт маҳсуб меёбад.

Филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ин ташкилоти бонуфуз буда, мунтазам дар чорабиниҳои он фаъол аст. Гуфтан бамаврид аст, ки дафтари асосии «IBTTA»дар шаҳри Вашингтон ҷойгир буда, он дар 25 кишвари шаш қитъаи олам садҳо аъзоро аз шумори ширкатҳои бонуфузу муваффақ муттаҳид намудааст. Аъзои «IBTTA» аз пешсафони бахши технологияи инноватсионӣ маҳсуб ёфта, дар самти сармоягузорӣ, таҳияи модел ва пешниҳоди хизматрасонӣ дар соҳаи инфрасохтори роҳ бо ёрии технологияи муосир таҷриба, имконот ва неруи зеҳнии фаъол доранд. «IBTTA» ҷиҳати муттаҳид сохтани шарикон дар соҳаи идоракунии пулакии роҳҳо, ки дар шароити кунунӣ хеле муҳим ва саривақтист, имкониятҳои зиёд ва беназирро дар ихтиёр дорад. Дастоварди дигари «IRS» дар радифи ширкатҳои машҳури ҷаҳонӣ, аз қабили «Dogus Holding» (Туркия), «ICICI банк» (Ҳиндустон), «Kaspersky Lab» (Россия), ширкати мошинбарории «TATA» (Ҳиндустон), ширкати ҳавонавардии «Полёт» (Россия), ширкати истеҳсоли алюминий «Alcoa» (ИМА) ва даҳҳо ширкатҳои соҳибнуфузи дунё сазовори ҷоизаи «World Quality Commitment» шудани филиали ширкат аст.

Ёдовар мешавем, ки соли 2013 дар қатори ҷоизадорони «World Quality Commitment» дар категорияи «Тилло» филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қарор гирифт. Зимни супоридани ҷоиза ба директори филиали ширкат таъкид гардид, ки «IRS» тими мутахассисони ҳирфаӣ буда, барои такмили малака ва ишғоли ҷойгоҳи арзанда мунтазам талош меварзад.

Қобили зикр аст, ки қаблан филиали ширкат ба гирифтани ҷоизаҳои «Шарики беҳтарин дар ИДМ», «Инноватсияи сол» (2011), «Шарики беҳтарин дар Тоҷикистон» ва ғайра сазовор дониста шуда буд. Илова бар ин, филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи муваффақонаи механизми институтсионалию инноватсионии идоракунии инфрасохтори роҳҳои автомобилгард дар кишвари дорои иқтисодиёти дар ҳоли рушд бо «Гувоҳномаи эътироф»- и Ассотсиатсияи байналмилалии пулҳо, нақбҳо ва роҳҳои автомобилгарди пулакӣ (IBTTA) қадр шудааст.

Равобити филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкатҳои маъруфи ҷаҳонӣ тавсеа ёфта, сазовори шаҳодатномаи «Шарики беҳтарин» гардидани он далели гуфтаи болост. Шаҳодатномаи мазкур аз тарафи Ширкати чинии «HUBEI CHENGLI SPECIAL AUTIMOBILE CO LTD» ҳамчун намояндаи ваколатдори Кумитаи давлатӣ оид ба рушд ва ислоҳоти Ҷумҳурии Халқии Хитой тақдим гардид. Шаҳодатномаи мазкур дараҷаи 3С дошта, ҳар сол барои ширкатҳои беҳтарини дунё, ки дар самти мушорикат ба муваффақиятҳо ноил гардидаанд, супорида мешавад.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

Аёдат



# ДАР СУҲБАТИ АФСАРОНУ САРБОЗОН

**15-уми декабри соли ҷорӣ роҳбари Гурӯҳи кории нақша - чорабиниҳои 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳияи Мастчоҳ, сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомҷон Оймуҳаммадзода ҳамроҳи раиси ноҳия Аъзам Ализода ба қисмҳои низомӣ ташриф оварданд.**

Аз номи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба афсарону сарбозон дар арафаи соли нави мелодӣ ширинию мева ва консерваю нӯшокиҳо тақдим карданд.

Ҳамчунин, онҳо бо афсарону сарбозони қисми низомӣ суҳбат ороста, аз ҳолу аҳвол, шароити будубошашон пурсон шуданд. Сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомҷон Оймуҳаммадзода таъкид кард, ки хизмати Модар-Ватан қарзи имониву виҷдонии ҳар ҷавонмард аст.

Дар навбати худ афсарону сарбозон аз таваҷҷуҳу ғамхориҳои пайвастаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипос карда, ваъда доданд, ки ҳар ваҷаб хоки Ватанро азизу муқаддас дониста, баҳри ҳифзи марзу буми кишвар садоқатмандона хизмат мекунанд.

**М. МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413216 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгард аз кӯчаи Х. Назаров то кӯчаи М. Назаршоев бо дарназардошти сохтмони гузаргоҳ» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 26.12.2022 16:55:00 |
| 2 | 413217 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Сохтмони гузаргоҳи автомобилгард дар ду сатҳ дар чорроҳаи кӯчаи А. Қаҳҳоров» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 26.12.2022 17:00:00 |
| 3 | 413218 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгарди давродавр аз километри 10+00 роҳи мошингарди Душанбе - Чанок то км 8+500 роҳи мошингарди Душанбе - Вахдат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 26.12.2022 17:00:00 |
| 4 | 413219 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгард аз кӯчаи Н. Ганҷавӣ то хиёбони Ҳ. Шерозӣ бо дарназардошти сохтмони пули мошингард бо воситаи дарёи Душанбе ва гузаргоҳ дар ду сатҳ дар хиёбони Ҳ. Шерозӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 26.12.2022 17:10:00 |
| 5 | 413220 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Таҷдиди пул дар хиёбони И. Сомонӣ» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 26.12.2022 17:20:20 |
| 6 | 413229 | Муассисаи давлатии тандурустии «Дармонгоҳи стоматологии вилояти Суғд» | Маводи канселярӣ, мушакы бесим, бланка, китоби бақайдгирӣ ва хлор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 27.12.2022 15:25:00 |
| 7 | 413230 | Раёсати маорифи вилояти Суғд | Компютери фардӣ, ноутбук, таҷҳизоти чопкунанда ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 27.12.2022 15:30:00 |
| 8 | 413215 | Беморхонаи марказии шаҳри Вахдат | Таъмири ҷории намои биснои беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.12.2022 16:50:00 |
| 9 | 413211 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Инвентари нарму мулоим, мӯзаҳои резинӣ ва болопӯши боронӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 28.12.2022 15:39:10 |
| 10 | 413221 | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои пардозгарӣ (ороишӣ) дар ҳудуди агентӣ (ороиш бо сурат-баннер бо навиштаҷот) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.12.2022 17:15:00 |
| 11 | 413240 | Муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Бохтар | Хилъатҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 29.12.2022 08:40:25 |
| 12 | 413242 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино»-и шаҳри Душанбе | Барқарор кардани ҷӯйбори бетонӣ ва васл кардани сутуни барқ барои равшаникунонии кӯчаи Шестопавлов | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.12.2022 14:30:00 |
| 13 | 413239 | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мошини техникӣ, канселярӣ, хоҷагидорӣ, мебел ва генератори барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 30.12.2022 08:40:00 |
| 14 | 413214 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Коркарди модули «Оператори додашудаҳои фискалӣ (оператор фискальных данных) ва хариди таҷҳизоти техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 06.01.2023 16:50:00 |
| 15 | 413226 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5 ба номи Абдуғаффор Ҳасанови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 13.01.2023 20:05:05 |
| 16 | 413228 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ» дар шаҳри Хуҷанд | Мебели офисӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 14.01.2023 13:00:00 |
| 17 | 413212 | Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хоруғ | Молҳои хоҷагидорӣ ва таҷҳизоти идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 14.01.2023 16:00:00 |
| 18 | 413231 | Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд | Ташкили лагери омӯзишӣ - фарогатӣ барои ҷавонони фаъоли вилоят бахшида ба «Рӯзи байналмилалии волонтёрон» дар ҳудуди шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 15.01.2023 21:44:44 |
| 19 | 413232 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Барқарорсозии бинои маъмурии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд (идомаи корҳои сохтмонӣ: насби дарҳои чӯбини ошёнаи 3-юм, насби дарҳои чӯбини то 3 м[2] ба масоҳати 94,2 м[2], насби дарҳои чӯбини зиёда аз 3 м[2] ба масоҳати 18,5 м[2]) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.01.2023 08:05:05 |
| 20 | 413233 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии иншооти Муассисаи давлатии «Варзишгоҳи 20-солагии Истиқлолият» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои барқтаъминкунӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.01.2023 08:05:05 |
| 21 | 413235 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Хизматрасонӣ оид ба қабули меҳмонон ва ташкили таоми нисфирӯзӣ ва шом барои 713 нафар дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 16.01.2023 08:05:05 |
| 22 | 413236 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Хизматрасонӣ оид ба таъмини ҷои зисти меҳмонон бо хӯроки наҳорӣ барои 119 нафар (ҳамагӣ 532 шабонарӯз) дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 16.01.2023 08:05:05 |
| 23 | 413237 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Хизматрасонӣ оид ба қабули меҳмонон ва ташкили таоми нисфирӯзӣ ва шом барои 431 нафар дар ҳудуди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 16.01.2023 08:05:05 |
| 24 | 413238 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Рафҳои китоб, компютер ва партаи дукарата | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 16.01.2023 08:05:05 |
| 25 | 413241 | Ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Бохтар | Таҷҳизоти идоравӣ, маишӣ, маводи канселярӣ, хоҷагидорӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 16.01.2023 08:45:30 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 10-уми январи соли 2023 музоядаи № 1-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

| т/р | Номгӯи амвол | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Биринҷи навъи «Лазер» | 6857,38 кг | 82289 |
| 2 | Тамокуи тамғаи «Mond variance» | 35 қуттӣ | 5250 |
| 3 | Орд | халтаи 50 кг 67 адад | 16080 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10[00]** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 10-уми январи соли 2023 музоядаи № 2-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Воситаи нақлиётии дучарха (скутер) | адад | 14 | 49000 |
| 2 | Компютери (ноутбук) тамғаи «Самсунг», истифодашудаи таъмирталаб | адад | 1 | 900 |
| 3 | Принтери тамғаи «Самсунг», истифодашуда | адад | 1 | 1000 |
| 4 | Тамокуи навъи ESSE CHENGE | қуттича | 6 | 72 |
| 5 | Тамокуи навъи ESSE Ligut | қуттича | 3 | 36 |
| 6 | Тамокуи навъи PINE | қуттича | 5 | 50 |
| 7 | Тамокуи навъи Беломор канал | қуттича | 3 | 30 |
| 8 | Эмулсия, истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон (410 адад) | кг | 6640 | 26560 |
| 9 | Бетони контакт, истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон (117 адад) | кг | 1170 | 5850 |
| 10 | Шпатлёвка барои тахта, истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон (48 адад) | кг | 422,4 | 2956,8 |
| 11 | Анти сол, истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон (36 адад) | кг | 540 | 2700 |
| 12 | Грунтовка, истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон (19 адад) | кг | 285 | 1425 |
| 13 | Фуга, истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон (77 адад) | кг | 770 | 4235 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10[00]** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи №218-и гумшуда, ки онро Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17-уми апрели соли 2015 ба Азизов Шамс Одинаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд ба Раҳимов Субҳонҷон Солиҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ таҳти қайди 00639922-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ 23-юми апрели соли 2019 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод ба Раҳмонова Адолат додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе моҳи октябри соли 2006 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Роҳи нав 297 ба Абдурашидов Абдусаид Абдусамиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи БП № 910466-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Норак соли 1983 ба Каримова Мукарам Намозовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ № 1930006403-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Восеъ ба Зуҳуров Абдусамад додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома бо РЯМ №2430006288-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Муъминобод ба хоҷагии деҳқонии «Сифат» додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи 1Ш-154, №26576, литери 2-2/к-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 24-уми январи соли 2014 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Яккатут ба Ҳусейнов Каримҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз феҳристи ягонаи бақайдгирии соҳибкорони инфиродии гумшуда, онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2016 ба Азизов Зубайд Холович (РЯМ 0130135794, РМА 125239967) додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ № 3130034985-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба Абдурахимов Бахтовар Пардалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи хазинавии силсилаи ОКА ПФ №36778-и гумшудаи мансуб ба ҶДММ «Таҷҳизоти тиб» эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён 25-уми майи соли 2006 таҳти варақаи бақайдгирии №63 барои истифодаи замини наздиҳавлигӣ бо суроғаи Ҷамоати деҳоти Носири Хусрави ноҳияи Қубодиён ба Бобоев Рустам додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз феҳристи ягонаи бақайдгирии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Акрамов Некрӯз Бароталиевич (РЯМ 0130192343, РМА 126123865) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартнома оид ба ройгон гузашт кардани ҳисса дар сармояи оинномавӣ ва ҳуқуқҳои муассиси ҶДММ «Хазина 1»-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор таҳти феҳристи №3ДШ – 174 3-юми августи соли 2021 ба Баротов Фирдавс Эльмуродович (Шиноснома – А03385073, санаи таваллуд – 6-уми сентябри соли 1982, сокини ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Боғи миллӣ) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Гипрозем, бинои 30/3, квартираи 31, таҳти рақами бақайдгирии № 55732 ба Шарипов Ҳикматулло Убайдович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳадяи квартираи гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе (ҳоло Сино)-и шаҳри Душанбе 7-уми феврали соли 2022 таҳти феҳристи 8Д-548 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Гипрозем, бинои 30/3, квартираи 31 ба Шарипов Ҳикматулло Убайдович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А№ 01111899-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 23-юми ноябри соли 2017 ба Маҳмадмуродова Дилноза Рустамовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳти варақаи бақайдгирии №40262 ва рақами барӯйхатгирии 49101 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Юсуф Вафо, бинои 63/2, квартираи 25 ба Мирзоев Сафаралӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатии дараҷаи А №0048334-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 29-уми марти соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Юсуф Вафо, бинои 63/2, квартираи 25 ба Мирзоев Сафаралӣ додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Капитал Тоҷ» (РМА 010095158) фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

## ТАСҲЕҲ

✓ Дар эълони Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (музоядаи №25), ки дар рӯзномаи «Садои мардум» №151 (4571) аз 8-уми декабри соли 2022 нашр шуда буд, дар банди якуми он ба ҷои «рақами давлатӣ - 378 ZE 01», «рақами давлатӣ - 376 ZE 01» хонда шавад.

**Роҳбарият ва кумитаи иттифоқи касабаи Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бинобар вафоти ходими пешбари илмии лабораторияи тадқиқоти комплексии сейсмологӣ ва геофизикӣ**

**САЛОМОВ**
**НУСРАТУЛЛО ҒАФУРОВИЧ**

**андуҳгин буда, ба аҳли оила ва наздиконашон ҳамдардӣ изҳор менамоянд.**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва маводи мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Конститутсия - кафолати ҳуқуқ ҳимояи давлатдорӣ ва ҳокимияти халқ

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Некқадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97*

*Ба чопаш 27 декабри соли 2022, соати 16:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33390 нусха*

Навбатдори шумора Н. Низомӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров